Суратмаҷлиси №5

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «06» январи соли 2025 ш. Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Яқубова Муқаддас Мухсиновна – раиси шуро, профессор, академик, доктори илмҳои биология, 03.01.05
2. Сатторов Раҳматулло Бобоевич – муовини раиси шуро, д.и.б., 03.02.01
3. Ҳамидзода Хайриддин Нур – котиби илмӣ н.и.б., дотсент, 03.01.04
4. Мирзораҳимзода Акобир Карим – д.и.б., 03.01.04
5. Абдураҳмонов Давудшо – д.и.б., 03.02.01
6. Эргашев Абдуллоҷон – д.и.б., 03.01.05
7. Раҳимов Исматулло Фатҳулоевич – д.и.б., 03.01.04
8. Раҳимов Сафарбек – д.и.б., 03.02.01
9. Давлятназарова Зуҳро Буриевна – д.и.б., 03.01.04
10. Furthermore Бобоҷоновна Муҳаббат Абдураҳмоновна – д.и.б., 03.01.05

Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми сентябри соли 2024, №119/шд тасдиқ гардида, 10 нафар иштирок доранд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Нозимова Маъмура Сахобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.б., профессор Эргашев А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Нозимова Мамура Сахобиевна дар мавзӯи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо сухан намуда, қайд кард, ки диссертатсияи мазкур барои муҳокима қабул карда шавад. Диссертатсия таҳти роҳбарии доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром ва доктори илмҳои биологӣ, профессор Мирзораҳимзода Акобир Карим омода гардидааст. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо, инчунин соҳаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот 10 маводи илмӣ, аз ин 4 мақолаи илмӣ, ки дар он мазмуни асосии рисола дарҷ гардидааст дар маҷаллаҳои тасдиқшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзӯи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 қабул карда шавад.

2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқаррарии расмии зерини таъин карда шавад:

Каримов Музаффар Каримович – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Тағоева Хатича Эргашевна – номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи биохимия ва генетика интихоб карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи кушод, ҷойгир намудани ва автореферата диссертатсия дар сомонаи Муассиса, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи автореферата диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шаванд.

Санаи ҳимоя 17-марти соли 2025 соати $13^{00}$ муқаррар карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд: тарафдор

-10 нафар зид

- нест бетараф

- нест

Раиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-038, доктори илмҳои биологӣ, профессор Якубова М.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-038, номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамидзода Х.Н.